***ТДУ 83,3(2 Т)***
***DOI 10.51844-2077-4990-2023-4-102-107***

## *ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА*

***Абдувоҳидова Таҳмина Неъматҷоновна,*** *унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров»(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ*

***Абдувахидова Тахмина Негматджоновна,*** *соискатель кафедры общей педагогики ГОУ «ХГУ им. акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

## *ON THE SOME PROBLEMS OF RISING THE QUALITY OF THE PROFESSIONAL EDUCATION OF THE FUTURE TEACHERS*

***Abduvohidova Tahmina Negmatjonovna,*** *research worker of the Department of General Pedagogics of the SEI "KSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:****abduvohidova2680@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *сифати таҳсилот, сифати таълим, омодасозии омӯзгорони оянда, принсипи баҳисобгирии тахассуси омӯзгорони оянда, принсипи алоқаи таълими фанҳои забон бо фанҳои тахассусӣ, алоқамандии мақсад, восита, натиҷа*

*Баланд бардоштани сифати таҳсилот умуман ва таҳсилоти касбӣ аз ҷумла аз баланд бардоштани сифати воситаҳои таълим низ вобаста аст. Зеро дар системаи «мақсад - восита - натиҷа» унсури восита на танҳо ҳамчун унсури марказӣ, балки боз чун унсури муайянкунанда мавриди назар мегардад. Барои ҳамин ҳам баланд бардоштани сифати воситаҳои таълим барои ноил гардидан ба мақсади таълим ва ба даст овардани натиҷаи дилхоҳи таълим мусоидат хоҳад намуд.Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати воситаҳои таълим ин риоя намудани банақшагирӣ, коркард ва оиояи воситаҳои таълим мебошад, зеро агар ин ягонагӣ вайрон гардад, ин боиси коста гардидан сифати воситаҳои таълим мешавад, ки ин нисбат ба сифати таълим низ таъсири манфӣ мерасонад. Барои ҳамин ҳам зимни таҳияи воситаҳои таълим ва дар раванди таълими фанҳои забонӣ риояи намудан ба принсипҳои баҳисобгирии тахассуси омӯзгорони оянда ва алоқамандии таълими фанҳои забон бо таълими фанҳои тахассусӣ шарт ва зарур аст, ки аз ин баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ ва баланд бардоштани сифати мутахассисониояндаи омӯзгорӣ умуман вобастагии калон дорад.*

***Ключевые слова:*** *качество образования, качество обучения, подготовка будущих учителей, принцип учета специальности будущих учителей, принцип связи обучения языковым учебным дисциплинам и учебных дисциплин специальности, взаимосвязь цели, средств и результата*

*В статье рассматриваются вопросы повышения качества образования в целом и повышения качества профессионального образования в частности, что зависит и от повышения качества средств обучения. Поскольку в системе «цель - средство - результат» элемент средства считается не только центральным элементом, но и определенным элементам. Поэтому повышение качества средств обучения, достижение цели обучения и желаемого результата обучения способствует созданию необходимых условий. Отмечается, что одним из путей повышения качества средств обучения является соблюдение единства, взаимосвязи и взаимообусловленности формы и содержания в процессе планирования и разработки средств обучения, поскольку нарушение этой целостности и единства может стать причиной снижения качества средств обучения, что также влияет на снижение качества обучения. Подчеркивается, что в процессе разработки средств обучения и в процессе обучения языковым учебным дисциплинам необходимо четкое и беспрекословное соблюдение принципов учета специальности будущих учителей и связи языковых учебных дисциплин с учебными дисциплинами специальности, от чего зависит повышение качества обучения в частности, а также повышение качества профессионального образования и повышение качества будущих педагогических кадров в целом.*

***Key words:*** *quality of education, quality of teaching, training of future teachers, principle of taking into account the specialty of future teachers, principle of connection between teaching language academic disciplines and academic disciplines of the specialty, connection of goal, means, result*

*Rising the quality of the education in general and rising the quality of the professional education specifically depends also from the quality of the means teaching. Since in the system "aim - means - result" the element of means is considered not only as on central element, but also as on determine element. There fore rising the quality of the means of the teaching and teaching the aim of the teaching and also the wishful result of the teaching contributes to creation of the necessary conditions. One of the*

*ways of rising the quality of the means of the teaching is the observing the unity, mutual connection and the mutual dependence of the form and the content in the process of planning and preparation of the means of teaching, since the violation of this integration and unity may be the cause of the reducing of the quality of the means of the teaching, which also influences to the reducing of the quality of teaching. Therefore in the process of the preparation of the means of teaching and in the process of the teaching of language educational disciplines of is necessary distinct and implicitly observing the principles of the acconting the professional line of the future teachers and the connection of the languages educational disciplines with the professional educational disciplines, from which depends rising the quality of the means of teaching in specifically and rising the quality of the professional education and rising the quality of future teachers in whole.*

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, иқтисоди бозоргонӣ, иттилоотии ҷомеа, муҳоҷирати меҳнатӣ ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ ва мавқеи фаъолонаи касбӣ-меҳнатӣ аҳамияти махсуси илмӣ-ҳаётӣ касб менамояд. Аз ин лиҳоз, алҳол муаммои омодасозии омӯзгорони оянда барои меҳнат дар бозори меҳнати дохилӣ ва дар бозори меҳнати хориҷӣ бояд ба меъёрҳои байналмиллалии омодасозии мутахассисони саводнок ва сатҳи салоҳиятно-киашон баланд ҷавобгӯ бошад. Талабот нисбат ба сифати касбӣ-меҳнатии мутахассисон боз ҳам пурзӯр мегардад. Зеро мутахассисони оянда чӣ дар бозори меҳнати дохилӣ ва чӣ дар бозори меҳнати хориҷӣ бояд, ки дорои сатҳи баланди рақобатпазирӣ бошанд. Вобаста ба ин вазифаҳо ташаккули шуур ва фарҳанги умумиинсонии онҳо, ташаккули шуур ва фарҳанги касбӣ-меҳнатии онҳо ҳамчун яке аз ҳадафҳои арзишманди педагогӣ-иқтисодӣ арзёбӣ мегардад. Ин, алалхусус, нисбати омодасозии шуур ва рафтори омӯз-горони оянда дахлдор аст. Дар шароити муосир маҳз омӯзгор субъект - қувваи пешбарандаи ҷомеаи миллӣ дар дохили кишвар ва субъект - қувваи пешбаран-даи ҷомеаи байналмиллалӣ дар дар сатҳи байналмилллалӣ, аз ин лиҳоз субъект қувваи ояндасози на танҳо кишвари худ, балки боз субъект – қувваи ояндасози ҷомеаи аҳли башар маҳсуб меёбад.Вай тавассути олоти худ таҳсилот, ҳам таҳсилоти умумӣ ва ҳам таҳсилоти касбӣ-меҳнатӣ ба шуур ва рафтори насли наврас таъсири бунёдкорона расонида метавонад.Зеро маҳз таҳсилот дорои қувва, нерӯи ояндасозӣ мебошад. Дар шароити муосир насли наврас ниёз ба сифати баланди ҳам таҳсилоти умумӣ ва ҳам таҳсилоти касбӣ-меҳнатӣ дорад. Алҳол таҳсилот бояд дорои характери муттасил бошад, ки он ҷорӣ намудани таҳсилоти муттасиларо тақозо менамояд. Ба таҳсилоти мутта-сил дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, илм, техника ва санъат як қадам ҳам ба пеш ниҳодан имконнопазир аст.Ин, аз ҷониби дигар, эътибори ҷиддӣ додан ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои худомӯзиро дар насли наврас тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз худомӯзӣ низ чун як шакли махсуси таҳсилот мавриди назар мегардад. Зеро бе худомӯзӣ ҷорӣ намудани таҳсилоти муттасиларо тасаввур кардан имконнопазир аст. Вобаста ба ин нақш ва мақоми омӯзгор чӣ дар ҷомеаи миллӣ ва чӣ дар ҷомеаи байналмиллалии умумибашарӣ ба куллӣ тағйир меёбад. Ба гуфти олим, файласуф, педагог Б.С.Гершунский «Тасмим гирифтан мумкин аст, ки дар асри XXI аксарияти омӯзгорон на танҳо одамони баландихтисос, балки боз муҳаққиқ барои идроки ғояҳои нави эҷодӣ кушод мегардад, ки асоснокӣ ва самаранокии онҳоро мустақилона баҳо дода метавонад.» [2, с.4]. Бе ғояҳои нав, бе муносибати эҷодкорона ба ҳаёт, ба касби худ омӯзгор қадаме ҳам ба пеш гузошта наметавонад. Барои ҳамин ҳам ба сифати омодасозии омӯзгорони оянда, ба фаъолияти касбӣ-меҳнатии омӯзгорон аз нуқтаи назари илмӣ-методӣ асоснок назар бояд намуд. Омӯзгор бояд барои дар амал ҷорӣ намудани ҳамаи намудҳои таҳсилот ҳамаҷониба ва васеъ омода бошад.

***Расми № 1. Алоқамандии намудҳои таҳсилот***



Аз ҷониби дигар сифати омодасозии омӯзгорони оянда ҳамон вақт баланд мегардад, ки агар мо нисбати он аз нуқтаи назари маҷмӯавӣ-силсилабандӣ мавриди назар намоем, ки мувофиқи он ин омодасозӣ маҷмӯа-силсилаеро мемонад, ки он аз унсурҳои зерин иборат аст:




**Расми № 2. Алоқамандии намудҳои омодагӣ**

Инак, маҷмӯа-силсилаи омодагии умумикасбии омӯзгор чор унсурро дар бар мегирад, ки инҳо омодагии тахассусӣ, омодагии фарҳангӣ, омодагии забонӣ ва омодагии компютерӣ мебошанд. Ҳар яке аз намудҳои омодагӣ мақсад, вазифаҳо, моҳият, мазмун ва мундариҷаи худро доро мебошад, ки онҳоро мухтасар мавриди назар менамоем. Омодагии тахассусӣ – намуд ва самти асосӣ ва афзалиятноки омодагӣ мебошад, ки тавассути фанҳои тахассусӣ ва умумитахассусӣ амалӣ гардонида шуда, омӯзгорони ояндаро, ки онҳо омӯзгорони ояндаро бо техника ва техно-логияи таълими фанни худ, ба моҳият, мазмун ва мундариҷаи таълими фанни худ ва умуман бо техника, технология, методикаи таълим, тарбия ва инкишофи насли наврас мусаллаҳ менамоянд. Омодагии фарҳангӣ намуд ва самти омодагии омӯзгорони оянда барои самаранок фаъолият намудан дар муҳити ҳаётӣ ва дар муҳити касбӣ-меҳнатӣ дар дохили кишвар ва дар хориҷа мебошад. Сатҳи самаранок мутобиқ гардидан ба муҳити иҷтимоӣ, чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар хориҷа тасаввур кардан имконнопазир аст. Омодагии забонӣ ҳамчунин шинос намудан ва мусаллаҳ намудани омӯзгорони яондаро бо асосҳои забони адабӣ, забони илмӣ, забони таълимӣ ва забони касбӣ-меҳнатӣ тақозо менамояд. Сатҳи баланди забондонӣ барои омӯзгорони оянда самти афзалиятноки касбӣ арзёбӣ мегардад. Омодагии компютерӣ дар шароити муосири техникӣ-технологӣ зимни омодагии омӯзгорон ба фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ муҳим мебошад. Зеро омӯзгорони оянда бо техника ва технологияи коммуникатсионӣ ва иттилоотӣ бояд дар сатҳи баланд коргузорӣ карда тавонанд. Дар замони муосири техникӣ-технологӣ арзиши сиёсӣ, педагогӣ, равоншиносӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии иттилоот хеле баланд мегардад. Ташаккули шуур ва фарҳанги насли наврасро бидуни иттилоот тасаввур кардан имконнопазир аст. Омӯзгорони ояндаро ба қабул, коркард, ҷамъбаст ва натиҷаи самараноки иттилоот омода намудан лозим аст. Банақшагирӣ, коркард ва таҳияи мундариҷаи таҳсилоти касбӣ-меҳнатӣ бо дарназардошти мақсад, вазифаҳо, мазмун ва мундариҷаи ҳамаи намудҳои омодагӣ бояд ба сомон расонида шавад. Вобаста ба мундариҷаи таҳсилоти касбӣ-меҳнатӣ мундариҷаи таълими касбӣ-меҳнатӣ, мундариҷаи таълими фарҳангӣ, мундариҷаи таълими забонӣ, мундариҷаи таълими компютерӣ муайян карда мешавад. Ҳамаи ин намудҳои мундариҷаи таълимӣ тавассути фанҳои муайяни таълимӣ дар шакли маҷмӯа-силсилаи дидактикӣ-диалектикӣ, яъне интегратсия, алоқамандии байниҳамди-гарӣ ва аз ҳамдигар вобастагӣ омӯзонида мешаванд. Дар чунин ҳолат ақидае, ки дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ-меҳнатӣ танҳо тавассути фанҳои тахассусӣ омӯзонида мешавад, ё худ забон танҳо тавассути фанҳои забонӣ, ё худ кор кардан бо компютер танҳо дар машғулиятҳои фанни «Технологияҳои иттилоотӣ», яъне «Информатика» омӯзонида мешавад, сарфи назар карда мешавад. Зеро дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ-меҳнатӣ самти асосӣ, самти афзалиятноки омӯзонидан ва омӯзиш ва самти ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои фарҳангӣ, алалхусус фарҳанги касбӣ-меҳнатӣ, забономӯзонӣ ва забономӯзӣ, омӯзонидани кор бо компютер, самти ёрирасон мавриди назар мегардад. Дар ҳамин радиф дар раванди таълими фанҳои забон, аз ҷумла таълими забони англисӣ агар самти

забономӯзонӣ ва забономӯзӣ ҳамчун самти асосӣ, самти пешбар мавриди назар гардад, он гоҳ самти омӯзонидани дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ, ё худ касбомӯзонӣ, ки вобаста ба фанҳои тахассусӣ алоқа-манд мебошанд, ҳамчун самти ёрирасон мавриди назар мегардад. Дар маҷмӯъ ин барои риоя намудани принсипи алоқамандии байни фанҳо шароити мусоиди дидактикӣ-методӣ фароҳам меоварад. Мундариҷаи таълим тавассути воситаи таълим мавриди омӯзонидан ва омӯзиш қарор мегирад. Дар раванди ҳама гуна фаъолият, аз ҷумла дар раванди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ бояд, ки ягонагии «мақсад - восита - натиҷа» риоя карда шавад, яъне восита, ки он мазмун ва мундариҷаро дар худ таҷас-сум менамояд, дарбар мегирад, бояд он ба мақсад мувофиқ бошад, ҳамон вақт натиҷаи ба мақсад мувофиқ ҳосил мегардад. Дар акси ҳол натиҷаи ба мақсад мувофиқ ҳосил намегардад. Аз ин лиҳоз восита дар силсилаи «мақсад-восита-натиҷа» ҳамчун унсури марказӣ мақоми муайянкунандаро мебозад. Ба эътибор гирифтани ин нуқтаи назар ва ҳамчун қоида риоя намудани он аз ҷониби субъекти фаъолият ин гарави самаранок гардонидани раванди фаъолият ва ноил гардидан ба сифати баланди натиҷаи фаъолият мебошад. Масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ва масъалаи баланд бардоштани самаранокии сифати воситаҳои таълим робитаи бевосита дорад. Муаммоҳои илмӣ-методии марбут ба воситаҳои таълим дар тадқиқотҳои олимон ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, таърифи мафҳуми воситаҳои таълим (В.В.Краевский, Л.Я.Зорина, Г.И.Хозяинов), мафҳуми воситаҳои таълими забонӣ (Э.Г.Азимов, А.Н.Шукин), китоби дарсӣ ҳамчун воситаи таълим (А.И.Миркушевич, С.Г.Шепотоленко), воситаҳои техникии таълим (Н.М.Шахмаев, А.П.Прессман), компютер ҳамчун воситаи таълим (Б.С.Гершунский,В.Г.Ҷитомирский, А.Н.Литвинова, Е.И.Малибитс, Ю.А.Первин, Л.Я.Терешенко, В.П.Попов, С.Г.Майоркин, Г.А.Федотова ва диг.), функсияи китоби дарсӣ (Д..Зуев), сухани омӯзгор ҳамчун воситаи таълим (Т.А.Илина, Л.Клингберг, В.И.Загвязинский), аёният ҳамчун воситаи таълим (Я.А.Коменский, И.Т.Песталотсӣ, А.Дисторвег, К.Д.Ушинский, Л.Н.Толстой ва диг.) ба чаҳор нуқтаҳои такягоҳӣ, навиштаҷотҳои такягоҳӣ, овезаҳои такягоҳӣ ҳамчун воситаи таълим (В.Ф.Шаталов, С.Д.Шевченко, С.Н.Лисенкова ва диг.) мавриди назар гардидааст. Яке аз масъалаҳои муҳими марбут ба нақш ва мақоми воситаҳои таълим дар мактаби олӣ ин муносибати байни воситаҳои таълим ва мундариҷаи таҳсилоти касбӣ арзёбӣ мегардад. Ҳаллу фасли самараноки он барои баланд бардоштани сифати воситаҳои таълим шароити мусоид фароҳам меоварад. Зеро чӣ тавре ки таҳлили восита-ҳои таълими забони англисӣ барои омӯзгорони ояндаи ихтисосҳои ғайрита-хасусӣ нишон медиҳад, баъзан зиддият байни воситаҳои таълим ва мазмуну мундариҷаи таҳсилоти касбӣ, мазмуну мундариҷаи таълими касбӣ-меҳнатӣ ба назар мерасад, ки ин боиси паст гардидан ва ба талаботҳои муосири илмӣ-методӣ ҷавобгӯ нагардидани воситаҳои таълим мегардад. Ин зиддият зиддияти дидактикӣ-диалектикии байни шакл ва мазмун мебошад. Аз ин нуқтаи назар шакл ва мазмун, яъне дар мисоли мо воситаҳои таълим ва мазмуну мундари-ҷаи онҳо бояд, ки ягонагии дидактикӣ-диалектикӣ, бо ҳамдигар алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобастагиро ташкил диҳанд. Аммо вақте ки шакл ва мазмун бо ҳам мувофиқ намеоянд ва байни онҳо зиддият ба назар мерасад, сифати воситаи таълим дар мисоли мо коста мегардад. Аз нуқтаи назари илмӣ «Мазмун ва шакл категорияҳои фалсафавӣ буда, дар алоқамандии байниҳам-дигарии онҳо мазмун ба ҳайси ҷониби муайянкунандаи ягонагии ҳамаи унсур-ҳои объект, хосиятҳои он, равандҳои дохилӣ, алоқамандиҳо ва тамоилҳо мавриди назар гардида, шакл ва тарзи ҳаётӣ ва ифодаи мазмун мебошад [5,с.621]. Вайрон, коста гардидани таносуби байни мазмун ва шакл боиси вайрон гардидани предмет, ҳодиса ва раванд мегардад. Дар мавриди таҳқиқоти мо ин боиси вайрон гардидани сифати воситаҳои таълим мегардад, ки он дар маҷмӯъ боиси вайрон гардидани омодасозии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ мегардад. Мутахассиси варзидаи соҳаи санъатшиносӣ Б.М.Немен-ский оиди ба инобат нагирифтани муносибати байни мазмун ва шакл чунин изҳори ақида менамояд: «Худи малакаҳо чун малакаҳои шакли бадеӣ бояд таҳия ва азхуд карда шаванд. Риоя накардан ба ин қоида хатарнок аст, забони шакли бадеиро азхуд накарда, инсон дар назди асари бадеӣ оҷиз мемонад, кӯшиш менамояд, ки маънии расмро бидуни донистани забони шакл дарк намояд. Ин дарҳол ногузир ӯро аз маънӣ дур мебарад, зеро маънӣ маҳз дар образи аёнӣ, яъне дар шакл, ба ҳеҷ ваҷҳ ба таври дигар арзи вуҷуд надорад» [3,с.74]. Дар мавриди таҳқиқоти мо ба ҳайси шакл забони таълимӣ ва ба ҳайси мазмун – мазмун ва мундариҷаи таълими касбӣ мавриди назар аст. Аз ин лиҳоз забони таълимӣ ва мазмун ва мундариҷаи таълими касбӣ бояд, ки ягона-гии дидактикӣ-диалектикӣ, бо ҳамдигар

алоқамандӣ ва аз ҳамдигар вобаста-гиро ташкил диҳанд. Дар ин сурат таълим самаранок мегардад. Сухан дар бораи нақш ва мақоми таълими фанҳои забонӣ: забони модарӣ ва забонҳои хориҷӣ дар омодасозии касбӣ-омӯзгории омӯзгорони оянда меравад. Дар ин раванд субъектҳои таълим бояд, ки ба ду принсип риоя намоянд. Якум, прин-сипи ба эътибор гирифтани тахассуси омӯзгорони оянда зимни таълими фанҳои забон. Дуюм, принсипи алоқамандии таълими фанҳои забон бо фанҳои тахассусӣ. Чӣ тавре ки мебинем, ин ду принсип бо ҳам алоқамандии зич доранд. Мушоҳида ва таҳлили таълими фанҳои забон, чӣ забони модарӣ ва чӣ забони хориҷӣ, нишон медиҳад, ки ин ду принсип ҳамон вақт аз ҷониби субъектҳои таълим на ҳама вақт риоя карда мешавад. Дар натиҷа байни шакл ва мазмун ҷудоӣ, зиддият ба вуқӯъ меоя. Ин дар он зуҳур меёбад, ки ба ҷои мазмун ва мундариҷаи касбӣ-тахассусӣ мазмун ва мундариҷаи ғайри касбӣ-тахассусӣ омӯзонида мешавад. Ҳол он ки мазмун ва мундариҷаи таълими забонро бояд маҳз мазмун ва мундариҷаи таълими касбӣ-тахассусӣ ташкил диҳад. Зеро маҳз маълумоти касбӣ-меҳнатӣ ҳамчун мақсад ва натиҷаи таҳси-лоти касбӣ-меҳнатии омӯзгорони оянда арзёбӣ мегардад. Барои ҳамин ҳам забономӯзонӣ ва забономӯзӣ бо касбомӯзонӣ ва касбомӯзӣ бояд ки ягонагии дидактикӣ-диалектикӣ, алоқамандии байниҳамдигарӣ ва аз ҳам вобастагиро ташкил диҳанд. Зеро забономӯзонӣ ва забономӯзӣ бидуни касбомӯзонӣ ва касбомӯзӣ аз лиҳози мақсад ва натиҷаи таълими фанҳои забон нодуруст буда, он боиси паст гардидани сифати таълим мебошад. Вобаста ба ин амсилаи таълими фанҳои забон дорои чунин шакл мебошад:

<table>
<tr><td rowspan="4">Омӯзгорони фанҳои забонӣ<br><br>Макотиби олӣ</td><td rowspan="2">забономӯзонӣ</td><td>Мундариҷаи таълими забонӣ</td><td rowspan="2">забономӯзонӣ</td><td rowspan="4">Донишҷӯён – омӯзгорони оянда</td></tr>
<tr><td>Мундариҷаи таълими забони модарӣ</td></tr>
<tr><td rowspan="2">касбомӯзонӣ принсипи бахисобгирии тахассуси омӯзго-рони оянда принсипи алоқаи таълими фанҳои забон бо фанҳои тахассусӣ</td><td>Мундариҷаи таълими забони хориҷӣ</td><td rowspan="2">касбомӯзонӣ</td></tr>
<tr><td>Мундариҷаи таълими забони касбӣ-меҳнатӣ</td></tr>
</table>

***Расми № 3. Амсилаи забономӯзонӣ - касбомӯзонӣ ва забономӯзӣ - касбомӯзӣ дар раванди таълими фанҳои забон***

Вобаста ба алоқамандии шакл ва мазмун дар воситаҳои таълим се сатҳи сифати таълимро мавриди назар намудан лозим аст, ки онро дар шакли ҷадвал чунин тасвир намудан мумкин аст:

***Ҷадвали № 1. Вобастагии сатҳи сифати воситаҳои таълим аз сатҳи алоқаи воситаҳои таълим бо ундариҷаи таълим***

| Сатҳи фалсафавӣ | | Сатҳи дидактикӣ | |
|---|---|---|---|
| № | Сатҳи алоқаи шакл бо мазмун | Сатҳи алоқаи воситаҳои таълим бо мазмун ва мундариҷаи таълим | Сатҳи сифати воситаҳои таълим |
| 1. | Ягонагии диалектикӣ, алоқамандии байниҳамдигарӣ, аз ҳамдигар вобастагии шакл ва мазмун | Ягонагии дидактикӣ-диалектикӣ, алоқамандии байниҳамдигарӣ ва аз ҳам вобастагии мазмун ва мундариҷаи таълим | Баланд |
| 2. | Қисман ягонагии диалекти кӣ, алоқамандии байниҳам-дигарӣ, аз ҳамдигар вобастагии шакл ва мазмун | Қисман ягонагии дидактикӣ-диалектикӣ, алоқамандии байни-ҳамдигарӣ ва аз ҳам вобастагии воситаҳои таълим ва мундариҷаи таълим | Миёна |
| 3. | Ҷудоии шакл ва мазмун | Ҷудоии дидактикӣ-диалектикии | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | воситаҳои таълим аз мундариҷаи таълим | Паст |

Ба ҳамин тариқ, ташкили илмии меҳнат дар макотиби олӣ зимни омодасозии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ тақозо менамояд, ки:

1) Дар раванди таълими фанҳои забон ба принсипҳои баҳисобгирии тахассуси омӯзгорони оянда ва алоқаи фанҳои забон бо фанҳои тахас-сусӣ ҳатман бояд риоя намуд;
2) Зимни таҳияи воситаҳои таълим дар макотиби олӣ, аз ҷумла китоби дарсӣ, матни лексияҳо, презентатсия (муаррифӣ), дастурҳои таълими методӣ барои КМРО (кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор), КМД (кори мустақилонаи донишҷӯён), ба принсипи ягонагии дидактикӣ-диалектикӣ, алоқамандии байниҳамдигарӣ ва аз ҳамдигар вобастагии шакл ва мазмун ҳатман бояд риоя намуд.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Азимов, Э.Г. Словарь методических терминов (теория и практика преподавания языков)/ Э.Г.Азимов, А.Н. Щукин. – Спб.: Златоуст, 1999-472 с.
2. Гершунский, Б.С. Философия образования. – М.: Флинта, 1998.- 432 с.
3. Неженский, Б.М. Мудрость красоты: О пробл. Эстет. Воспит.: Кн. для учителя. – М.: Просвещение, 1987. – 255 с.
4. Перспективы развития системы непрерывного образования / Под ред. Б.С. Гершунского. – М.: Педагогика, 1990. – 224 с.
5. Философский энциклопедический словарь/Гл. редакция: Л.Ф.Ильичев, П.Н.Федосеев, В.Г.Попов. – М.: Сов. Энциклопедия, 1983. – 840 с.
6. Фридман, Л.М. Педагогический опыт глазами психолога: Кн. для учителя. – М.: Просвещение, 1987. – 224 с.

**REFERENCES:**

1. Azimov E.G., Shukin A.N. Glossary of lingvistic terms (theory and practice of languages teaching). Spb.: “Zlatoust”, 1969. – 472 p.
2. Gershunsky B.S. Philosophi of education/ - M.: Moskows psychologist-social institute, Flinta, 1998. – 432 p.
3. Nemensky B.M. Wisdom of the beauty: about the probl. of the aesthetically upbringing: The textbook for teachers. – M.: Prosveshenie, 1987. – 255 p.
4. The perspective of the development of the system of the continuously education / Edited by B.S.Gershunsky. – M.: Pedagogica, 1990. – 224 p.
5. Philosophy encyclopedic dictionary / Chief editorial board: L.F.Ilichev, P.N. Fedoseev, S.M.Kovalev, B.G.Ranov. – M.: Sov. Encyclopaediya, 1983. – 840 p.
6. Fridman L.M. The pedagogical experience by the eyes of psychologist: The text-book for teachers. – M.: Prosvesheniye, 1987. – 224 p.